# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–018 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 14 майи соли 2019 ш. Душанбе

Баъд аз шунидану муҳокима намудани диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (роҳбари илмӣ: номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ), инчунин баъди шунидани тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон ва номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Ҳакимов Раҷаб Муродович, баромади муқарризони ғайрирасмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С., доктори илмҳои фалсафа, профессор Саидов А.С., доктори илмҳои фалсафа Усмонова З.М. ва доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Муҳаммад А.Н. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–018 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулкардаи Шӯро оид ба диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар бораи асоснок будан, навгонӣ доштан, муҳиммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин оид ба натиҷаи корҳои илмии чопшуда

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ ба талаботи пешниҳоднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ дониста шавад.

2. Корҳои илмии чопнамудаи диссертант, ки натиҷаи асосии диссертатсия дар онҳо инъикос гардидааст, мувофиқ дониста шавад.

3. Ба Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ сазовор дониста шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои сиёсӣ ба Таваров Дилшодҷон Саидмуродович аз КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳишмандам нафароне, ки ба ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ тарафдоранд мавқеи худро муайян намоянд. Муқобил - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд.

Иҷозат фармоед диссертантро барои бомуваффақият ҳимоя карданаш табрик намоям ва ҳамзамон ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ барои кори самаранок миннатдорӣ баён намоям. Бо ҳамин ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ пушида эълон карда мешавад.

Муовини раиси
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ,
профессор /________________/ Искандаров Акбаршо

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ, Ҳайдаров Рустам
доктори илмҳои фалсафа /________________/ Ҷурабоевич

**14 майи соли 2019**